**Суратмаҷлиси №5**

маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ва доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.00.00 - Илмҳои филологӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.02.01 –Забони тоҷикӣ) ва 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ)

16 январи соли 2024 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
аз 15 нафар узви
Шуро 12 нафар

**Рӯзнома**:

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи **Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович** дар мавзуи "Таҳқиқи хусусияти лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ (роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., Шарифзода Ф.Х. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи **Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович** ба Шурои диссертатсионӣ.

**Гузориш дода шуд:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ д.и.ф. Юсуфов У. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи **Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович** – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи **Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович** дар мавзуи “Таҳқиқи хусусияти лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01– Забони тоҷикӣ роҳбари илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Раҳматуллозода Сахидод, доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, раиси комиссияи ташхис;
- Нуров Пирмаҳмад, доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, узви комиссияи ташхис.
- Султон Ҳасан Баротзода, доктори илмҳои филологӣ, узви шуро, узви комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор – 12 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.